Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» 04 соли 2011, №228
тасдиқ шудааст

# Консепсияи
# миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015

## 1. Муқаддима

Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (минбаъд - Консепсия) самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд барои гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд.

## 2. Зарурати таҳия ва қабули Консепсия

Дар шароити имрӯза қабули Консепсияи мазкур бо сабабҳои зерин зарур мебошад:

-ба хотири чалби кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсил дар асоси баробарҳуқуқи онҳо;

-набудани шароити мусоид барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ;

-нокифоягии микдори муассисаҳои таълимии махсус ва набудани омори мушаххас оид ба теъдоди кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта;

- пурра ба таҳсил фаро гирифта нашудани кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти махсус вобаста ба иллати ҷисмонӣ;

-бо сабабҳои гуногуни иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта нашудани кӯдакони иллати ҷисмонидошта дар муассисаҳои таълимии амалкунанда (мактаб-интернатҳо);

-нокифоягии муассисаҳои таълимии махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар маркази ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст ;

-хоҳиш надоштани падару модар ба таҳсили фарзандашон дар муассисаҳои таълимии махсус вобаста ба дурии чунин муассисаҳои таълимӣ аз ҷои истиқомат, дастнорасии нақлиёт, хоҳиш надоштани тарбияи фарзанд дар шароити интернат.

Ин мушкилот водор мекунад, ки барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд дар баробари кӯдакони солим шароити мувофиқ фароҳам оварда шавад.

Айни ҳол дар чумҳурӣ як қатор муассисаҳои таълимии махсус барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла барои кӯдакони сустбин, кар, гунг, дершунаво ва гирифтории иллатҳои рӯҳӣ фаъолият мекунанд, ки онҳо ба таълиму тарбияи чунин категорияи кӯдакон машғул мебошанд.

Дар ҷумҳурӣ банақшагирии фарогирии мақсадноки кӯдакони имконияташон маҳдуд дар рушди таҳсилоти умумӣ ба таври таҷрибаи инфиродӣ ба роҳ монда шудааст, вале айни ҳол он ба таъминоти илмию методӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, кадрӣ, асоси моддию техникӣ, таълимию методӣ ниёз дорад.

Консепсияи мазкур имкон медиҳад, ки дар кӯдакистонҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад, ки ин ба амалигардии ҳуқуқҳои онҳо барои гирифтани таҳсили босифат дар шароити дорои маҳдудияти ҳадди ақҳал мусоидат хоҳад кард.

### 3. Асоси ҳуқуқии рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйироти куллии соҳаи маориф нигаронида шудааст. Дар ин самт як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маорифи ҷумҳурӣ таҳия ва аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ислоҳот ва навсозии низоми маориф барои кӯдакони имконияташон маҳдуд кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст. Имрӯз дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдом ҷиҳати инкишоф ва такмили таҳсилоти фарогир дастгирӣ карда мешавад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” дар мавриди таҳсилоти кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус моддаҳои махсус дорад. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Стандарти муассисаи таълимии типи интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар навбати худ тартиби қабул, тартиботи дохилӣ, идоракунӣ, маблағгузорӣ ва хизматрасониҳои тиббиро дар ин мактабҳо пешбинӣ менамоянд.

Дар “Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009” чунин қайд шудааст: “Оид ба фарогирии кӯдакони аз ҷиҳати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ имконияташон маҳдуд ба раванди таълим Консепсия таҳия гардида, маҷмӯи чорабиниҳо амалӣ карда шавад”. Дар асоси ин ҳуҷҷати муҳим Консепсияи мазкур таҳия гардида, принсипҳо ва вазифаҳои ҷалби кудакони иллати ҷисмонидоша ба таҳсил нишон дода шудааст.

Дар моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”ҳамчунин муқаррароти марбут ба таҳсил ва таълими касбии маъюбон нишон дода шудааст. Дар он тасдиқ шудааст, ки шахсони дорои маъюбият дар Тоҷикистон дорои ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва шахсие, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон кафолат додааст, мебошанд. Заминаи меъёрии ҳуқуқии шахсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ақлӣ имконияташон маҳдуд дар ҳуҷҷатҳои зерин- Эъломияи ҳуқуқи кӯдак, Конвенсия дар бораи мубориза ба муқобили табъиз дар

соҳаи маориф, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Қоидаҳои стандартии таъмини имкониятҳои баробар барои маъюбон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, таъкид гардидааст. Ҳангоми таҳияи ин Консепсия ҳуҷҷатҳои мазкур ба асос гирифта шудаанд.

Консепсияи намунавии амалиёти Дакар ҳуҷҷати байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) маҳсуб меёбад. Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар соҳаи маориф низ муносибатҳои пурра ва муосирро доир ба ин навъи таҳсилот пешбинӣ намудааст, ки асосҳои он дар ин Консепсия ба инобат гирифта шудааст.

Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) мафҳумест, ки барои тавсифи раванди таълими кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ истифода мешавад. Ин раванди нисбатан васеи ҳамгироӣ мебошад, ки дастрасии таҳсилотро барои ҳамаи кӯдакон дар назар дорад. Дар таҷрибаи байналмилалӣ (ЮНЕСКО) мафҳуми "таҳсили ҳамгиро", ки раванди мазкурро шарҳ медиҳад, бо мафҳуми "таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)" иваз карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 адад созишномаи оид ба ҳуқуқи инсон марбут ба кӯдак тасдиқ гардида, дар ин асос ва дигар санадҳои тасдиқгардида кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус дар хона, синфҳои махсус, мактабҳои махсус ва баъзе муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таълим мегиранд. Ҳуҷҷати мазкур санади нави давлатӣ дар бораи таҳсилоти кӯдакони иллати ҷисмонидошта дар ҷумҳурӣ мебошад.

## 4. Таҳлили вазъи инкишофи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба таълиму тарбияи кӯдакони ба таҳсилоти махсус эҳтиёҷманд диққати махсус дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи ҳисоботи солонаи шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии оила ва кӯдак ба бештари чунин кӯдакон ёрӣ расонида шуда, барои ба таҳсил фаро гирифтани онҳо шароит муҳайё карда шудааст.

Ҳоло дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 муассисаи томактабӣ, ки барои кӯдакони синни томактабии имконияташон маҳдуд пешбинӣ шудаанд, бо фарогирии 730 нафар кӯдак фаъолият мекунанд.

Миқдори мактаб-интернатҳо дар ҷумҳурӣ 84 адад мебошад, ки аз онҳо 18 адад мактаб-интернатҳои иҷтимоии намуди гуногун, 13 адад барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва 5 адад навъи фароғатгоҳӣ барои кӯдакони гирифтори касалии сил ба ҳисоб мераванд. Дар муассисаҳои таълимии зикргардида 8971 нафар (543 нафар духтар) таълиму тарбия мегиранд, ки 1895 нафарашон кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошанд.

Кӯдакони имконияташон маҳдуд асосан дар муассисаҳои таълимии махсусгардонидашуда (барои кӯдакони дорои иллатҳои шунавоӣ, биноӣ, нутқ, ақлан носолим, узвҳои ҳаракаткунандаашон осебдор, инкишофи равониашон суст) таҳсил мекунанд. Ҷалби мақсадноки кӯдакони

имконияташон маҳдуд ба муҳити таҳсилоти умумӣ дар ҷумҳурӣ дар шакли падидаҳои алоҳида ва таҷрибаи инфиродӣ ба роҳ монда шудааст.

Давлат тавассути мақомоти дахлдори худ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ як қатор лоиҳаҳоеро, ки барои рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) равона шудаанд, амалӣ гардонида истодааст.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ноҳияҳои Ҳисору Восеъ ва шаҳрҳои Хоруғ ва Кӯлоб 4 адад марказҳои рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият карда истодаанд.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шароит барои рушди ҳуқуқҳои асосии таълимӣ ва иҷтимоӣ давра ба давра шаклҳои нави хизматрасониҳои иҷтимоиро тавассути марказҳои рӯзона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар таҷрибаи муассисаҳои зерсохтории иҷтимоӣ ҷорӣ ва инкишоф медиҳанд.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Исфараи вилояти Суғд, шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ-педагогӣ (МПТП) фаъолият мекунанд. Машваратгоҳҳои психологӣ-тиббӣ-педагогӣ (МПТП) маҷмӯи васеи мутахассисон, аз ҷумла, корманди иҷтимоӣ, педагог-мутахассисонро оид ба норасоиҳои гуногуни инкишоф дар бар мегиранд.

Вазифаи асосии машваратгоҳи намуди нав ин гузаронидани ташхиси кӯдакони синни то 18-сола бо мақсади муайян намудани эҳтиёҷоти махсуси инкишофи онҳо ва муайян намудани мундариҷа, методҳо ва намуди таҳсили ҷавобгӯи эҳтиёҷоти ҳар як нафар мебошад.

Новобаста аз корҳои анҷомдодашуда дар фаъолияти ин муассисаҳо як қатор мушкилот ҷой доранд:

-нарасидани мутахассисон-дефектологҳо (олигофринопедагогҳо, сурдопедагогҳо), равоншиносон, логопедҳо;

- таъмин набудани муассисаҳои махсус бо машваратчиёни психологӣ-тиббӣ-педагогӣ;

- нокифоя будани миқдори муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;

-набудани ҳуҷраҳои дахолати барвақтӣ дар муассисаҳои табобатӣ-профлактикӣ.

Яке аз омилҳои муайянкунандаи ҳимояи ҳаматарафаи кӯдакони имконияташон маҳдуд гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда оид ба паст кардани хавфи саломатии кӯдакони навзод ва синни хурд мебошад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари модарон, кӯдакон ва наврасон ба ҳифзи саломатӣ дастрасӣ дошта, ба онҳо хидмати тиббӣ расонида мешавад. Дар баъзе ҷойҳо бо сабаби нокифоягии хизматрасонии тиббӣ ҳастанд касоне, ки аз муоина дур мемонанд.

Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта Вазорати тандурустӣ ҷиҳати беҳдошти ташкили ёрии тиббӣ ба кӯдакони маъюб аз ҳамаи имкониятҳо истифода мебарад. Аз ҷумла “Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба

таъмини аҳолии ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кӯмаки тиббию санитарӣ барои солҳои 2010-2011”-ро бо қарори Ҳукумат амалӣ менамояд, дар асоси он ба ҳамаи кӯдакони маъюб аз овони кӯдакӣ, маъюбони гурӯҳҳои I ва II, кӯдакони ятим, кӯдакони маъюби то 16-сола, кӯдаконе, ки дар хонаҳои давлатии кӯдакон, интернатҳо, кӯдакони аз парастории волидайн маҳрумгашта, инчунин кӯдакони то 1-сола кӯмаки тиббии ройгон расонида мешавад.

Дар низоми Вазорати тандурустӣ хонаҳои кӯдакон фаъолият мекунанд, ки мақсади онҳо расонидани кӯмаки тиббӣ ба кӯдакони ятим, кӯдакони аз парастории волидайн маҳрумгашта, инчунин кӯдакони имконияташон маҳдуд ва дорои норасоӣ дар инкишофи ҷисмонӣ мебошанд.

Ҳоло мушкилоти асосӣ нарасидани мутахассисон барои кӯдакони имконияташон маҳдуд мебошад. Кадрҳое, ки имрӯз дар ин самт фаъолият мекунанд, асосан дар мактабҳои олии Москва, Санкт-Петербург ва Тошканд таҳсил намудаанд.  Айни ҳол дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ихтисоси дефектология фаъолият мекунад. Аммо аз сабаби паст будани шумораи хоҳишмандон аз рӯи ихтисоси мазкур нақшаи қабул иҷро намегардад.

Барои он ки ҳар кӯдак, сарфи назар аз хусусиятҳои инфиродиаш, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил карда тавонад, доираи ҳуқуқии соҳаро хеле васеъ кардан зарур аст. Монеаи ҷиддӣ дар самти ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ин омода набудани ҷомеа мебошад. Онҳо ба кӯдакони иллати ҷисмонидошта кам диққат медиҳанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мушкилоти зикргардида рушди таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ҳамчун соҳаи афзалиятноки соҳаи маориф мансуб медонад.

Дар ин иртибот зарурати қабули Консепсияи мазкур ниҳоят муҳим мебошад. Он принсипҳо ва самтҳои рушди таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро) муайян намуда, барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд дар боғчаҳо ва муассисаҳои таълимӣ шароити мусоид фароҳам меоварад ва барои амалигардии ҳуқуқи онҳо барои гирифтани таҳсили босифат дар шароити маҳдудияти ҳадди ақал кӯмак менамояд.

## 5. Мақсад, вазифа ва принсипҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ)

Мақсади Консепсия таҳияи модели миллии ҷалби шахсони имконияташон маҳдуд ба раванди таълим мебошад. Таҳсилоти фарогири (инклюзивии) муосир пешниҳоди имконоти баробарро барои ҳамаи таҳсилкунандагон дар гирифтани таҳсилоти босифат, новобаста аз ҷинс, мақоми иҷтимоию иқтисодӣ, ақаллияти миллӣ, нажод, мавқеи ҷуғрофӣ, зарурат ба таълими махсус, синну сол, дин фароҳам меоварад.  Ҳуқуқ ба таҳсил ва таъмини дастрасӣ ба он аз хурдӣ то калонсолӣ асоси таҳсилоти фарогирро ташкил медиҳад.

Ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) як қатор масъалаҳои характери этиникӣ ва ахлоқидоштаро ҳал намуда, ҳамзамон ба чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд:

- барои амалӣ гардидани ҳуқуқ ба таҳсил ва дастрасӣ дар гирифтани таҳсили аъзои ҷомеа шароит таъмин мегардад;

- тафаккури муқаррарии ҷамъиятӣ оид ба зарурати ҷудо кардани одамони дорои эҳтиёҷоти махсус бартараф карда мешавад;

- одамони дорои имконияти маҳдуд дар баробари дигарон барои иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ имкон пайдо мекунанд ва ин дар навбати худ вобастагии онҳоро аз кӯмаки моддии давлатӣ кам менамояд;

- ҷомеа ба эҳтиёҷоти одамони имконияташон маҳдуд таҳаммулпазирона ва дилсӯзона муносибат менамояд.

Ҳангоми ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) давлат бояд вазифаҳои зеринро ҳал намояд:

- фароҳам овардани шароит барои гирифтани таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии амалкунанда;

- омода намудани кадрҳои педагогӣ, кормандони тиббӣ ва иҷтимоии дорои дониш ва малака оид ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- бунёди низоми муассисаҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва таълимии таъмингари дастрасии одамони дорои эҳтиёҷоти махсус барои гирифтани таҳсилот;

-бунёди моделҳои иҷтимоӣ, педагогӣ, иқтисодӣ ва технологияи таълимю тарбиявии таҳсилоти фарогири (инклюзивии) тамоми кӯдакон дар манотиқи кишвар;

-таъмини дастгирии давлатии ташаббусҳои шаҳрвандии ба ҷорӣ намудани таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) нигаронидашуда;

-таъмини ҷалби ҷамоатҳои маҳаллӣ ва сохторҳои маҳаллии худидоракунӣ ба раванди ташкили таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

-мутобиқгардонии мундариҷаи таълими мактабӣ бо мақсади қонеъгардонии талаботи таълимӣ ва эҳтиёҷоти ҳамаи категорияҳои хонандагон;

-дар доираи маблағҳои пешбинишудаи Буҷети давлатӣ, ҷалби маблағҳои донорӣ ва сармоягузории хориҷӣ доир ба ҳал намудани масъалаҳои дар боло зикргардида.

## 6. Омилҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба омилҳои зерин асосн ёбад:

-дастрасӣ ба гирифтани таҳсилот;

-масъулияти давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таъмини дастрасӣ ба таҳсилот;

-баҳисобгирии хусусиятҳои фардӣ ва эҳтиёҷоти шахсӣ ҳангоми ташкили раванди таълим;

-таъмини ҳуқуқҳои баробар ва имкониятҳои баробари дастрасӣ ба таълим;
-фароҳам овардани шароити мувофиқ оид ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
-таъмини афзалиятнокии эҳтиёҷоти фардии шахсияти кӯдак дар гирифтани таҳсилоти мувофиқ (махсус);
-баҳисобгирии маҳорати кӯдак ҳангоми ташкили раванди таълим.

## 7. Масъалаҳои ҳалталаби ҳамкории байни бахшҳо

Дар давраи амалигардонии Консепсия ҳалли масъалаҳои зерини ҳамкории байни бахшҳо заруранд:
-таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ дар ҳар як бахш;
-зарурати таъсиси хадамоти муайянкунии осеби барвақтӣ дар инкишоф ва хадамотиислоҳи барвақтӣ ва барқароркунии кӯдакони имконияташон маҳдуди синни хурд;
-ба амал баровардани таълими ҳуқуқии падару модар дар ҳамкорӣ ба Ассотсиатсияи падару модарон;
-дастгирии таҳқиқотҳои илмӣ дар қисмати рушди технологияи муосир доир ба расонидани ёрмандӣ ба одамони дорои имкониятҳои маҳдуд ва барқарорсозии иллатҳои ҷисмонии онҳо.
Вазифаҳои ташкилотҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:
-мусоидат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дар қисмати ба роҳ мондани таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
-таъсир расонидан ба таҳаммулпазирии ҷомеа нисбат ба мушкилоти кӯдакони имконияташон маҳдуд;
-гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ-омӯзишӣ миёни падару модарон бо мақсади муайян кардани норасоии барвақтӣ дар инкишофи кӯдак, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои оила.

## 8. Вазифаҳое, ки ҳангоми амалигардии Консепсияи мазкур аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳал карда мешаванд

Бо дарназардошти зарурати таъсиси низоми таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ба мақомоти ваколатдори давлатӣ лозим аст, ки маҷмӯи чораҳои пешбиникунандаи гузаштан ба принсипҳои таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро) амалӣ намоянд. Мақомоти давлатӣ бояд системанокӣ ва мувофиқати қарорҳоро оид ба рушди таҳсилоти фарогир дар кишвар таъмин намояд. Соҳаҳои иҷтимоӣ дар ин самт корҳои махсусро бояд амалӣ намоянд.
Дар соҳаи маориф:
- бунёди заминаи ҳуқуқии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
- рушди заминаи моддию техникии муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ бо мақсади ҷалби кӯдакони имконияташон маҳдуд ба раванди таҳсилоти умумӣ;

- тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси педагогӣ;

- фароҳам овардани шароити зарурии моддию техникӣ ва шароити дигар дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ;

- таҳияи барномаҳои нави таълимӣ ва ворид кардани тағйирот дар стандартҳои таҳсилот дар асоси принсипҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- рушди ҳамкориҳо бо ташкилотҳо ва шариконй хориҷӣ бо мақсади омӯзиши таҷриба ва амалияи гузариш ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- баҳисобгирӣ ва инкишофи системаи пешбинии эҳтиёҷоти махсуси муассисаҳои таълимӣ бо мақсади рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ).

Дар соҳаи тандурустӣ:

- пешгирии бемориҳое, ки ба таваллуди кӯдаки дорои имконияти маҳдуд оварда мерасонад;

- муайян намудани сабабҳои вайроншавии функсияҳои организми кӯдакон;

- хизматрасониҳои тиббӣ ва барқароркунии саломатии кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус ва падару модарони онҳо.

Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ:

-дастгирии муассисаҳои иҷтимоие, ки барои барқароркунии шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус фаъолият менамоянд;

- хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳо ва марказҳои статсионарии нигоҳдории муваққатӣ ва рӯзона;

-тайёр намудани кормандон ва мутахассисони соҳаи ҳифзи иҷтимоии дорои дониш ва таҷриба оид ба рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

## 9. Тадбирҳо

Барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои Консепсияи мазкур бояд чунин маҷмӯи тадбирҳо андешида шаванд:

- ворид намудани тағйирот дар қонунгузории амалкунандаи соҳаи маориф ва  ҳифзи иҷтимоӣ вобаста ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- вобаста ба дастрасӣ ба таҳсилот ба низом даровардани маблағгузории муассисаҳои таълимӣ;

- васеъ намудани хизматрасониҳои таълимӣ, бахусус дар деҳот, барои чунин кӯдакон;

- таҳия ва чоп намудани дастурҳо, китобҳои дарсӣ ва барномаҳои махсус оид ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) бо забони давлатӣ барои чунин омӯзгорон ва хонандагон;

- муқаррар намудани квотаҳои махсус ё андешидани чораҳои дигари дастгирии дастрасӣ ба бозори меҳнат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд;

- ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мунтазами ҳатмии ҳамаи омӯзгорон ва кормандони мактабҳои соҳаи мазкур;

- васеъ ба роҳ мондани таблиғот дар миёни ҷомеа доир ба таҳсилоти фарогир;

- ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мақсади амалигардонии ҳадафҳои Консепсияи мазкур.

## 10. Самтҳои асосии татбиқи Консепсияи рушди таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Самтҳои асосии татбиқи Консепсия аз инҳо иборатанд:
-такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ;
- ҷорӣ намудани низоми тайёр намудани мутахассисон дар ҳама самтҳои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
-ташкили заминаи моддӣ ва илмию методӣ дар соҳаи маориф, ки барои таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Дар назар дошта шудааст, ки барои амалӣ намудани Консепсияи мазкур барномаҳои мақсадноки соҳавӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ таҳия ва тасдиқ мегарданд.

## 11. Давраҳои амалигардии Консепсия

Давраи якуми амалигардонии Консепсия солҳои 2011-2015 дар бар гирифта, чорабиниҳои зеринро фаро мегирад:
-гузаронидани тадқиқот бо мақсади омӯзиши вазъияти мавҷуда дар соҳаи маориф, баҳодиҳии имконияҳо оид ба гузариш ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) ва ҳаҷми эҳтиёҷот ба захираҳо барои амалигардии Консепсияи мазкур;
- таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ доир ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
- ба роҳ мондани курсҳо аз фанҳое, ки тайёр кардани мутахассисон оид ба таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро)-ро пешбинӣ менамоянд;
- таъмини асоснокии илмӣ зимни таҳияи барномаҳои таълимии махсус ва адабиёти таълимию методӣ барои хонандагони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- таҳия ва ба роҳ мондани усулҳои пешгирӣ, ташхиси барвақтӣ, барқароркунӣ ваислоҳи норасоиҳо дар инкишофи кӯдак;
- андешидани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумии пилотии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
-гузаронидани тадқиқоти махсус барои баҳодиҳии натиҷаҳои таълими ҳамгиро бо вазифаҳои васеи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);
-ҳамоҳангсозии ҳамкорӣ миёни сохторҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматии хизматрасонӣ ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ).

Давраи дуюм солҳои 2016-2020-ро дар бар гирифта, амалигардонии чораҳои зеринро дар назар дорад:
- таъмини гузариши давра ба давраи як қисми мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ);

- амалигардонии тадбирҳои дастгирии давлатӣ бо мақсади рушди шабакаи муассисаҳои таълимӣ ва иҷтимоии ба шакли моликияти ғайридавлатӣ асосёфта;

- муайян намудани мақом ва соҳаи истифодабарии забони ишора, алифбои Брайлӣ ва дигар усулҳои расонидани иттилоот ба шахсони дорои талаботи махсус;

- таҳия ва ба роҳ мондани барномаҳои махсуси таъминкунандаи ҳамгироии шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус дар ҷомеа, аз ҷумла муҳайё намудани ҷои кор барои онҳо ва ба эҳтиёҷоти онҳо мутобиқ намудани ҷойҳо ва биноҳои истифодабарии умум (театр, клубҳо, китобхонаҳо, тарабхонаҳо, нақлиёт ва ғайра).

Маблағгузории таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) дар доираи маблағҳои дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазорату идораҳо ва буҷетҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷудогардида, аз он ҷумла, маблағҳои ҷудокардаи донорҳо, грантҳо ва дигар сарчашмаҳо амалӣ карда мешавад.

## 12. Натиҷаҳои ниҳоии Консепсияи мазкур

Татбиқи Консепсияи мазкур ба ҳалли масъалаҳои зерин имкон фароҳам меоварад:

- ҳуқуқҳои кӯдакону наврасони имконияташон маҳдуд барои зиндагӣ кардан ва тарбия ёфтан дар оила ҷиҳати гирифтани таҳсилоти босифат, дастрасӣ ба захираҳои коммуникатсионии иттилоотӣ таъмин карда мешавад;

-заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва дигар соҳаҳо барои кӯдакони имконияташон маҳдуд таҷдиди назар ва такмил карда мешавад;

-принсипҳои таълими ҳамгиро дар таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд муайян карда мешаванд;

-самтҳои асосии рушди таълими ҳамгиро барои кӯдакони имконияташон маҳдуд муайян мегарданд;

-шартҳои ҷалби кӯдакони имконияташон маҳдуд ба раванди таҳсилоти миёнаи умумӣ муқаррар карда мешаванд.

Утверждена
постановлением Правительства
Республики Таджикистан
от «30» 04.2011г. №228

# Национальная концепция инклюзивного образования для детей с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан на 2011-2015 годы

## 1. Введение

Национальная концепция инклюзивного образования  годы (далее - Концепция), определяет основные направления развития инклюзивного образования в Республике Таджикистан и содействует обеспечению равных прав детей с ограниченными возможностями в получении образования.

## 2. Необходимость разработки и принятия Концепции

В нынешней ситуации время необходимость принятия данной Концепции связана  следующими причинами:

- В целях вовлечения детей с ограниченными возможностями в процесс обучения на равноправной основе;

-отсутствие благоприятных условий для детей с ограниченными возможностями в дошкольных и общеобразовательных учреждениях;

-недостаточное количество специальных образовательных учреждений и отсутствие конкретной статистики по количеству и видам заболеваний, связанных с ограниченными возможностями;

- неполный охват детей с ограниченными возможностями в специальных учебных заведениях в зависимости от физических отклонений;

- по разным социальным и экономическим причинам дети с физическими отклонениями не охвачены обучением и воспитанием в действующих образовательных учреждениях (школах- интернатах);

Эти проблемы вынуждают создать благоприятные условия для учебы детей с ограниченными возможностями наравне со здоровыми детьми.

На данный момент в республике функционирует ряд специальных образовательных учреждений  для детей с ограниченными возможностями, в том числе для детей слабовидящих, глухих, немых, слабослышащих и с психическими отклонениями, которые заняты обучением и воспитанием такой категории детей.

-недостаточное количество специальных образовательных учреждений для детей с ограниченными возможностями в центрах районов и отдаленных кишлаков;

-нежелание родителей в обучении своих детей в специальных образовательных учреждениях в связи с отдаленностью от их места жительства, недоступностью транспорта, нежеланием воспитания детей в условиях интерната.

В республике планирование целевого охвата детей с ограниченными возможностями в развитии общего образования реализуется в виде индивидуальной практики, но в данный момент она нуждается в научно-методическом, нормативно-правовом, кадровом, материально-техническом, образовательно-методическом обеспечении.

Настоящая Концепция позволит создать в детских садах и школах общего типа условия, необходимые для получения образования детьми с ограниченными возможностями, что будет способствовать реализации их права на получение качественного образования в условиях с минимальными ограничениями.

3. Правовая основа развития инклюзивного образования

Государственная политика в области образования в Республике Таджикистан направлена на радикальные изменения в системе образования. В этом направлении Правительством Республики Таджикистан подготовлены и приняты ряд законов и нормативно-правовых актов, регулирующих систему образования в республике.

Республика Таджикистан предприняла немало усилий по реформированию и модернизации системы образования для детей с ограниченными возможностями (ДОВ). В настоящее время на уровне Правительства Республики Таджикистан поддерживается инициатива, направленная на развитие и совершенствование инклюзивного образования в республике. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» содержит специальные статьи об образовании для детей с особыми потребностями. Законы Республики Таджикистан «О социальной защите инвалидов в Республике Таджикистан», «Стандарт образовательного учреждения интернатского типа в Республике Таджикистан» и «Примерное положение общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан», в свою очередь, предусматривают правила приема, внутреннего распорядка, управления, финансирования и медицинского обслуживания в этих школах.

В «Стратегии сокращения бедности в Республике Таджикистан на 2007-2009 гг.» отмечено следующее: «Разработать Концепцию и осуществить комплекс мероприятий по включению в образовательный процесс детей с ограниченными физическими возможностями». На основании этого важного документа разработана данная Концепция и определены принципы и задачи по вовлечению в процесс обучения детей с физическими отклонениями.

В Статье 24 Закона Республики Таджикистан "О социальной защите инвалидов в Республике Таджикистан" также определены положения, касающиеся образования и профессионального обучения инвалидов. В нем подтверждается, что люди с инвалидностью в Таджикистане обладают социальными, экономическими, политическими и личными правами, гарантированными Конституцией Республики Таджикистан для всех граждан Таджикистана. Нормативно-правовая база в области образования лиц с ограниченными физическими и умственными возможностями в Республике Таджикистан основывается также на следующих документах,

признанных и подписанных Правительством РТ: Декларация прав ребенка, Конвенция о борьбе с дискриминацией в области образования. Конвенция о правах ребенка. и Стандартные правила обеспечения равных возможностей для инвалидов. При разработке данной Концепции указанные документы приняты за основу.

Международным документом по вопросам специального образования является Дакарская рамочная концепция действий. Цели развития тысячелетия в образовании также предлагают наиболее полный и современный подход к этому виду образования основы которого учтены в данной Концепции.

Инклюзивное образование-термин, используемый для описания процесса обучения детей с особыми потребностями в общеобразовательных школах. Это более широкий процесс интеграции, подразумевающий доступность образования для всех и развитие общего образования в плане приспособления к различным нуждам всех детей. В международной практике (ЮНЕСКО) термин "интегрированное образование", описывающий данный процесс, был заменен термином "инклюзивное образование".

В Республике Таджикистан ратифицировано 6 соглашений по правам человека и на основе этих и других ратифицированных документов дети с особыми потребностями обучаются на дому, в специализированных школах и некоторых общеобразовательных учреждениях. Данный документ является новым государственным актом об образовании детей с физическими отклонениями в республике.

## 4. Анализ состояния развития инклюзивного образования ДОВ в Республике Таджикистан

В Республике Таджикистан в последние годы уделяется особое внимание обучению и воспитанию детей, нуждающихся в специальном обучении. В Республике Таджикистан (согласно годовой статистики отдела по социальным услугам и защиты семьи и ребенка большинству подобных детей оказана помощь и созданы условия для вовлечения их в процесс обучения.

В настоящее время в системе образования Республики Таджикистан действуют 7 дошкольных учреждений, предназначенных для детей дошкольного возраста с ограниченными возможностями, с охватом 730 детей.

Количество школ-интернатов в республике - 84, из которых 18-социальные школы-интернаты смешанного типа, 13-для детей с ограниченными возможностями, 5 - санаторного типа для детей, больных туберкулезом. В указанных учреждениях учатся и воспитываются 8971 детей (543 девочки), 1895 из них дети с ограниченными возможностями.

Дети с ограниченными возможностями в основном обучаются в специализированных учреждениях, (для детей с нарушением слуха, зрения, речи, интеллекта, опорно-двигательного аппарата, с задержкой психического развития). Целенаправленное включение детей с

ограничениями в развитии в общеобразовательную среду осуществляется в республике в виде отдельных фактов, индивидуального опыта.

Государство через свои соответствующие органы в сотрудничестве с международными и общественными организациями реализует ряд проектов, направленных на развитие инклюзивного образования.

В настоящее время в республике действуют 4 дневных центра для детей с ограниченными возможностями в Гиссарском и Воссейском районах, г.г. Хороге, Кулябе.

С целью обеспечения условий для реализации основных образовательных и социальных прав, Министерство образования Республики Таджикистан совместно с Министерством труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан поэтапно внедряет в практику подведомственных социальных учреждений и развивает новые формы оказания социальных услуг через дневные центры для детей с ограниченными возможностями.

В настоящее время по республике, в городах Душанбе, Ходжент и Исфара Согдийской и городе Курган-тюбе Хатлонской областях функционируют психолого-медико-педагогические консультации (ПМПК). Психолого-медико-педагогические консультации (ПМПК) включают в себя широкий спектр специалистов, в том числе социальных работников, педагогов-специалистов по различным нарушениям развития.

Главная цель консультации нового типа - проводить обследование детей в возрасте до 18 лет с целью выявления особых потребностей их развития и определения содержания, методов и типа образования, отвечающего специфическим потребностям каждого.

Несмотря на проводимую работу, в деятельности этих учреждений существует ряд проблем:

-нехватка специалистов-дефектологов (олигофренопедагогов, сурдопедагогов), психологов, логопедов;

-необеспеченность специализированных учреждений психолого-медико-педагогоическими консультантами

-недостаточное количество дошкольных, общеобразовательных учреждений для детей с ограниченными возможностями;

-отсутствие кабинетов раннего вмешательства при лечебно-профилактических учреждениях.

Одним из определяющих факторов всесторонней поддержки детей с ограниченными возможностями является проведение профилактических мероприятий, направленных на снижение рисков здоровью новорожденных и детей младшего возраста.

В настоящее время в Республике Таджикистан большинство матерей, и подростков не имеют доступа к охране здоровья, им не оказывается медицинская помощь. В некоторых местах есть люди, которые остались без осмотра в связи с недостаточным медицинским обслуживанием.

Несмотря на существующие трудности Министерство здравоохранения использует все возможности для улучшения организации медицинской помощи детям-инвалидам. В частности, реализует

«Программу государственных гарантий по обеспечению населения медико-санитарной помощью в пилотных районах республики на 2008-2009 гг.» и постановление Правительства, на основании которого всем детям-инвалидам с детства, инвалидам I и II групп, детям-сиротам, детям-инвалидам до 16 лет, детям, которые находятся в государственных детских домах, интернатах, детям, оставшимся без попечения родителей, а также детям до 1 года оказывается бесплатная медицинская помощь.

В системе Министерства здравоохранения функционируют дома-ребёнка, целью которых является оказание медицинской помощи детям сиротам и детям, оставшимся без попечения родителей, а также детям с ограниченными возможностями и имеющим отклонения в физическом развитии.

Сейчас в стране имеет место большая проблема с наличием кадров в области образования людей с ограниченными возможностями. Кадры, осуществляющие в настоящее время деятельность в этом направлении, в основном обучались в вузах Москвы, Ленинграда и Ташкента. Сейчас в Государственном педагогическом университете им. С. Айни функционирует факультет дефектологии. Однако в связи с ограниченным количеством желающих план приёма по данной специальности не выполняется.

Для того, чтобы каждый ребенок, независимо от индивидуальных особенностей, мог посещать общеобразовательные учреждения, нужно значительно расширить в этой области правовое поле.

Серьезным препятствием на пути введения инклюзивного образования является неготовность общества. Уделяется мало внимания детям с физическими недугами.

Правительство Республики Таджикистан относит развитие инклюзивного образования ДОВ к приоритетам системы государственного образования.

Необходимость принятия данной Концепции очень важна. Она определяет принципы и направления развития инклюзивного образования позволит создать в детских садах и школах общего типа условия необходимые для получения образования детьми с ограниченными возможностями и способствует реализации их права на получение качественного образования в условиях с минимальными ограничениями

## 5. Цель, задачи, принципы инклюзивного образования

Целью Концепции является создание национальной модели для привлечения лиц с ограниченными возможностями в учебный процесс. Современное инклюзивное образование означает предоставление равных возможностей всем обучающимся получить высококачественное образование, независимо от пола, социально-экономического статуса, этничности, расы, географического местоположения, необходимости в специальном образовании, возраста, религии. Основу инклюзивного образования составляет право на образование обеспечение его доступа с раннего детства до взрослой жизни.

Внедрение инклюзивного образования позволит решить целый ряд проблем морально-этического характера и при этом будет способствовать таким общественным отношениям, как:

- будут обеспечены условия для реализации права на образование и доступа к получению образования членами общества;

-будет преодолен стереотип общественного мышления о необходимости изоляции лиц с особыми нуждами;

-люди с ограниченными возможностями получат возможность наряду с другими участвовать в трудовой деятельности и общественной жизни, что в свою очередь снизит их зависимость в государственной материальной помощи;

-общество будет более терпимо и толерантно относиться к потребностям лиц с особыми нуждами.

При внедрении инклюзивного образования государство должно последовательно решать следующие задачи:

-создание условий для получения образования детьми с ограниченными возможностями в существующих дошкольных и общеобразовательных учреждениях;

-подготовка педагогических кадров, медицинских работников и социальных работников, имеющих знания и навыки по инклюзивному образованию;

-создание системы медицинских, социальных и образовательных учреждений, обеспечивающих доступ лиц с особыми нуждами в получении образования,

-создание социальных, педагогических, экономических моделей и учебно-воспитательных технологий инклюзивного образования всех детей, в регионах страны;

-обеспечение государственной поддержки гражданских инициатив, направленных на внедрение инклюзивного образования;

-обеспечение вовлеченности местных общин и органов местного самоуправления в процесс организации инклюзивного образования.

-диверсификация содержания школьного образования с целью удовлетворения образовательных интересов и потребностей всех категорий учащихся;

-решение вышеуказанных задач в рамках выделенных средств Государственного бюджета, привлечения донорских средств и иностранных инвестиций.

6. Факторы инклюзивного образования в Республике Таджикистан

Инклюзивное образование в Республике Таджикистан должно основываться на следующих принципах:

-доступность получения образования;

-ответственность государства и гражданского общества за обеспечение доступа к образованию;

- учет индивидуальных особенностей и потребностей личности при организации процесса образования;

-обеспечение равных прав и равных возможностей доступа к образованию;

-создание соответствующих условий по инклюзивному образованию;

-обеспечение приоритета индивидуальных потребностей личности ребенка в получении соответствующего (специального) образования;

- учет способностей ребенка при организации процесса обучения.

7. Вопросы межсекториального взаимодействия, требующие своего решения:

В период реализации Концепции необходимо решить следующие вопросы межсекториального взаимодействия:

- разработка специальных образовательных программ по каждому сектору;

- необходимость формирования служб раннего выявления отклонений в развитии и службы ранней коррекции и реабилитации ДОВ младших возрастов;

-осуществление правового образования родителей в взаимодействии с Ассоциацией родителей;

- поддержка научных исследований в части развития современных технологий, по оказанию помощи людям с ограниченными возможностями и физической и социальной реабилитации.

Задачи организаций гражданского общества и органов местного самоуправления:

- содействовать деятельности органов государственного управления в части внедрения инклюзивного образования;

-способствовать толерантности общества к проблемам детей с ограниченными возможностями;

- проводить разъяснительно-образовательную работу среди родителей с целью раннего выявления отклонений в развитии ребенка, защиты прав и интересов семьи;

8. Задачи, решаемые государственными органами в ходе реализации настоящей Концепции

С учетом необходимости формирования системы инклюзивного образования, государственным уполномоченным органам в соответствующих сферах предстоит реализовать комплекс мер, предусматривающих переход на принципы инклюзивного образования. Государственные органы должны обеспечивать системность и согласованность решений по развитию инклюзивного образования в стране. Социальные отрасли должны осуществить специальные работы в этом направлении.

В сфере образования:

- создание нормативной правовой базы инклюзивного образования;

- развитие материально-технической базы дошкольных, общеобразовательных учреждений и высших учебных заведений с целью

включения детей с ограниченными возможностями в общеобразовательный процесс;

- подготовка квалифицированных педагогических кадров;

- создание необходимых материально-технических и других условий в общеобразовательных школах и дошкольных учреждениях;

- разработка новых образовательных программ и внесение изменений в стандарты образования на основе принципов инклюзивного образования:

- развитие сотрудничества с зарубежными организациями и партнерами с целью изучения опыта и практики перехода на инклюзивное образование;

- учет и развитие системы прогнозирования специальных потребностей образовательных учреждений с целью развития инклюзивного образования.

В сфере здравоохранения:

- профилактика заболеваний, приводящих к рождению детей с ограниченными возможностями;

- выявление причин нарушения функций организма детей;

-внедрение практики разработки и выполнения индивидуальных программ реабилитации на ранних стадиях развития ребенка;

-развитие системы предоставления образовательных, медицинских и реабилитационных услуг детям с особыми нуждами и их родителям.

В сфере социальной защиты и социального обслуживания:

- поддержка социальных учреждений, занятых реабилитацией лиц с особыми нуждами;

- предоставление социальных услуг в стационарных учреждениях и центрах временного и дневного пребывания;

-подготовка работников и специалистов системы социальной защиты, имеющих знания и опыт по инклюзивному образованию.

## 9. Меры

Для реализации целей данной Концепции необходимо реализовать комплекс следующих мер:

- внести изменения в действующее законодательство образования и социальной защиты, связанное с инклюзивным образованием;

- привести в соответствие финансирование образовательных учреждений в связи с доступностью образования;

- расширение охвата детей образовательными услугами, особенно в сельской местности;

- разработать и издать пособия, учебники и специальные программы по инклюзивному образованию для преподавателей и учащихся на государственном языке;

- установить специальные квоты или принимать иные меры поддержки доступности рынка труда для людей с ограниченными возможностями;

- организовать регулярную переподготовку и повышение квалификации в данной области всех школьных педагогов и работников в обязательном порядке;

- широко внедрять пропаганду среди общественности по инклюзивному образованию. Компании по развитию уровня сознания населения важны, и вести их могут сами же люди с ограниченными возможностями.

- привлечение гражданского сообщества к осуществлению целей данной Концепции.

## 10. Основные направления и меры по реализации Концепции развития инклюзивного образования в Республике Таджикистан

Основные направления реализации Концепции:

- совершенствование нормативно-правовой базы;

- внедрение системы подготовки специалистов всех направлений инклюзивного образования;

- формирование материальной и научно - методической базы в сфере образования, способствующей инклюзивному образованию согласно законодательству Республики Таджикистан.

Ожидается, что для реализации данной Концепции будут разработаны и утверждены отраслевые целевые программы развития в сфере образования, здравоохранения, социальной защиты.

## 11. Этапы реализации Концепции

Первый этап реализации Концепции охватывает - 2011-2015 годы и предусматривает реализацию следующих мер:

-проведение обследования с целью изучения текущей ситуации в системе образования, оценки возможностей по переходу на инклюзивное образование и объемов потребности в ресурсах для реализации данной Концепции;

- разработка и принятие нормативных актов по инклюзивному образованию;

- внедрение учебных курсов по дисциплинам, предусматривающим подготовку специалистов по инклюзивному образованию;

- обеспечение научной основы при разработке специальных образовательных программ и учебно-методической литературы для учащихся дошкольных и общеобразовательных учреждений;

- разработка и внедрение методов профилактики, раннего выявления, реабилитации и коррекции отклонений в развитии ребенка;

- реализация мер поддержки деятельности пилотных общеобразовательных учреждений инклюзивного обучения;

- проведение специальных исследований для оценки образовательных результатов интегрированных с широкими задачами инклюзивного образования;

- координация взаимодействия между правительственными и неправительственными структурами, оказывающими услуги инклюзивного образования.

Второй этап охватывает - 2016-2020 годы и предусматривает реализацию следующих мер:

-обеспечение поэтапного перехода определенного количества общеобразовательных школ на инклюзивное образование;

-реализация мер государственной поддержки с целью развития сети образовательных и социальных учреждений, основанных на негосударственной форме собственности;

-определение статуса и сферы применения языка жестов, алфавита Брайля и других методов передачи информации и коммуникации, с учетом особых потребностей лиц с особыми нуждами;

- разработка и внедрение специальных программ, обеспечивающих интеграцию лиц с особыми нуждами в общество, включая создание для них рабочих мест, адаптацию к их нуждам мест и зданий общественного пользования (театры, клубы, библиотеки, рестораны, транспорт и др.).

Финансирование инклюзивного образования осуществляется в рамках средств, выделяемых в Государственном бюджете Республики Таджикистан для министерств и ведомств и бюджетов местных исполнительных органов государственной власти, а также средств, выделяемых донорами, грантов и иных источников.

## 12. Конечные результаты данной Концепции

Реализация данной Концепции даст возможность в решении следующих проблем:

- обеспечивается реализация прав детей и подростков с ограниченными возможностями на жизнь и воспитание в семье для получения качественного образования, доступа к информационным коммуникационным ресурсам;

- будет пересмотрена и совершенствована нормативно-правовая база сферы образования для детей с ограниченными возможностями

- будут определены принципы интегрирования в инклюзивном образовании для детей с ограниченными возможностями;

- будут определены основные направления интегрирования детей с ограниченными возможностями в инклюзивном образовании;

- установлены условия охвата детей с ограниченными возможностями в процессе общего среднего образования.